# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Д.Р. «Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андоз, шакл, усул ва принсипҳои онро, дар бар мегирад. Дар диссертатсия масоили мавқеи назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ, мафҳум ва хусусиятҳои фарққунандаи назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ аз дигар шаклҳои назорати андоз, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз ва ҷавобгариҳо дар ин самт, мавриди таҳқиқ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Дар шароити имрӯза масъалаи назорати андоз, баланд бардоштани самаранокии он, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад. Зеро тавассути амалӣ намудани назорати андоз иҷрои мақсади асосии давлатӣ, яъне таъмини қисми даромади буҷети давлат, ки асосан аз ҳисоби андозҳо ташкил меёбад, таъмин карда мешавад.

Назорати андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли камералӣ ва мониторинги андоз, ки барои ташкили назорати самараноки андозҳо аҳамияти калон дорад, гузаронида мешавад. Ин шаклҳои назорати андоз, ки дар Кодекси андози ҶТ муқаррар шудаанд, дар байни дигар шаклҳо мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ҷорӣ намудани шакли нави назорати андоз мониторинг аз як тараф, ба андозсупоранда имкон медиҳад, ки хатоҳои дар ҳисоб ва пардохти андозҳо ва таҳияи ҳисоботи андозро тавассути гузаштани назорати пешакӣ бартараф намояд, аз тарафи дигар, барои мақомоти андоз ин роҳи баландтарин назорати сифати андозсупоранда оид ба риояи қонунгузории андоз мебошад.

Амалӣ намудани назорати андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва коркарди механизми самараноки назорати андози субъектҳои

муносибатҳои андоз, ба пур кардани мунтазами маблағҳои низоми буҷетии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Назорати андоз ҳамон вақт самаранок эътироф карда мешавад, ки низоми муфассали меъёрҳои қонунгузории соҳаи андоз вуҷуд дошта бошанд. Дар амалия мавҷудияти дақиқ ва пурраи меъёрҳои қонунгузории назорати андоз ба фаҳмиши истифодаи дуруст ва якхелаи онҳо кафолат медиҳад. Таҳлили маҷмуии вазъи кунунии қонунгузории андоз нишон дод, ки ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз дар амалия холигии меъёрӣ ҷой дорад. Бо ин мақсад, ҷиҳати мушаххас ва мукаммал гардидании қонунгузории андози ҶТ ва бартараф намудани холигиҳои меъёрӣ таклифҳо пешниҳод карда шудааст.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки гузаронидани кори илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буда, барои такмили шаклу усулҳои назорати андоз ва бартараф гардидани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт, муҳим арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми ҳуқуқи молиявӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, чоп шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Табарзода Д.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Табарзода Д.Р. бо забони давлатӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Лагутин Игор Борисович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи Институти иқтисодиёт, идоракунӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи педагогии шаҳри Москва;

– Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович – дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ                Раупова М.Т.

**Аъзои комиссия:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Рустамзода Ҷ.Ю.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзоев П.И.
аъзои Шурои диссертатсионӣ

"02" 02 2024 с.